آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

**Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)**

# Овози тоҷик

*Баҳӣ одам аъзои якдигаранд!*

**9 майи соли 2026 Шанбе № 37 (15256)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ҲАМҶИҲАТӢ – БУЗУРГТАРИН ҚУДРАТ, БЕҲТАРИН САРВАТ

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 8 май ба Боғи Ғалабаи пойтахт ташриф овард.**





Аз анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон қариб 81 сол сипарӣ шудааст. Новобаста аз гузаштани ин қадар вақт, таърихи талхи ҷанг, фоҷиа ва мусибатҳои бесобиқае, ки он ба бор овард, аз хотираи инсоният зудуда нашудааст. Баръакс, ин хотироти мудҳиш ҳамеша ба мо ёдрас мекунанд, ки сулҳу оромӣ то чӣ андоза неъмати бебаҳо ҳастанд. Дар замири 9 май – Рӯзи хотира ва қадр низ чунин моҳият таҷассум ёфтааст.

Сарвари давлат дар маросими ёдбуде, ки ба ин муносибат дар Боғи Ғалаба баргузор гардид, иштирок намуд.

Тибқи анъана, Президент Шавкат Мирзиёев дар пояи ҳайкали "Суруди матонат" гулчанбар гузошт. Ин ёдгории муаззам рамзи ранҷу азоб, матонат ва талафоти мардуми мо дар солҳои ҷанг мебошад.

– Имрӯз мо ба ҳамаи собиқадорони ҷангу меҳнат, тамоми пиронсолон, ки дар байни мо сиҳату саломат умр ба сар мебаранд, меҳру эҳтироми хосаи худро изҳор менамоем. Ин маҷмааро чун макони муқаддаси тараннумгари ҷасорат ва қаҳрамонии халқи сермиллатамон, ки дар Ғалабаи бузург саҳми арзанда гузоштаанд, эътироф кунем, хато нахоҳад шуд, – гуфт роҳбари давлат.

Мувофиқи маълумот, дар ҷангҳои хунини зидди фашизм аз 6 миллиону 800 ҳазор нафар аҳолии онвақтаи кишвар, қариб 2 миллион нафар иштирок кардаанд. Аз ин миқдор тақрибан 540 ҳазор нафар ҳалок гардидаанд, 158 ҳазор нафар бедарак гум шудаанд, беш аз 50 ҳазор нафар дар лагерҳои консентратсионӣ бар асари шиканҷаву азобҳои тоқатфарсо ҷон бохтаанд, зиёда аз 60 ҳазор нафар маъюб шудаанд.

Қариб 214 ҳазор нафар сарбозону афсарони ӯзбекистонӣ бо ордену медалҳои ҷангӣ сарфароз гардидаанд, ки ин аз шуҷоату қаҳрамонии онҳо далолат медиҳад.

Мамлакати мо дар солҳои ҷанг ба пойгоҳи муҳими таъминоти ҷабҳа табдил ёфта, ба майдонҳои набард миқдори зиёди техникаи ҳарбӣ, силоҳу муҳимот, либос ва озуқа ирсол кардааст. Новобаста аз шароити бисёр вазнин, халқи мо тақрибан 1 миллиону 500 ҳазор нафарро, ки аз минтақаҳои ҷангзада кӯчонида шудаанд, аз ҷумла 250 ҳазор кӯдаки ятимро, ки аз падару модар ҷудо монда буданд, ба канор гирифта, меҳрубонӣ кардаанд.

Дар чорабинӣ намояндагони Қувваҳои Мусаллаҳи Ӯзбекистон, мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, фаъолони маҳаллаҳо ва калонсолон низ иштирок намуда, ба пояи ёдгорӣ гул гузоштанд.

Президент Шавкат Мирзиёев ҳамчунин аз хиёбони "Фидоиёни миллат"-и Боғи Ғалаба боздид намуда, ба хотираи хидматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки тӯли солҳои истиқлолият дар роҳи ҳимояи мамлакат ҳалок шудаанд, эҳтиром ба ҷо овард.

– Як сол пеш маҳз дар ҳамин ҷо маҷмааи "Фидоиёни миллат"-ро бунёд кардем, ки ин беҳуда нест. Он ҳамеша хотиррасон месозад, ки ҳифзи Ватан вазифаи муқаддаси ҳар як насл буда, анъанаҳои ватандӯстӣ давом доранд, – таъкид намуд Президент.

Дар ин маҷмаа номи 196 нафар хидматчии ҳарбӣ ва корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки тӯли солҳои истиқлолият дар роҳи ҳифзи озодии Ватан ва сулҳу оромии халқу кишвар қаҳрамонона ҳалок шудаанд, сабт гардидааст.

Роҳбари давлат ба падару модарон барои ба дунё овардан ва дар рӯҳияи ҳақиқии ватандӯстӣ тарбия намудани чунин фарзандони шуҷоъ ва диловар миннатдории амиқ баён намуд.

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ТАБРИКИ ИДОНА БА МАРДУМИ ӮЗБЕКИСТОН

Ҳамватанони азиз!

Шумо, азизон ва тамоми халқи сермиллати кишварро бо ҷашни муборакии Рӯзи хотира ва қадр ва 81-солагии Ғалабаи бузург дар Ҷанги дуюми ҷаҳон аз таҳти дил самимона табрик мегӯям.

Дар ин рӯзи фаромӯшнопазир, пеш аз ҳама, дар назди хотираи ҷовидонаи падару бобоёни қаҳрамони худ, ки дар майдонҳои ҷанг ҷасорати бемисл нишон дода, барои раҳоии инсоният аз балои фашизм саҳми арзанда гузоштаанд, сари таъзим фуруд меорем. Ҳамчунин ба собиқадорони ҷангу меҳнат, ба пирамарду пиразанҳои нуронӣ, ки имрӯз байни мо сиҳату саломат умр ба сар мебаранд, эҳтироми бузурги худро изҳор менамоем.

Мо, инчунин хотираи хидматчиёни далери ҳарбӣ ва кормандони шуҷои мақомоти ҳифзи ҳуқуқро, ки тӯли солҳои истиқлолият дар роҳи ҳифзи дахлнопазирии марзҳои Ватан ва зиндагии орому осоиштаи мардум қаҳрамонона ҳалок шудаанд, бо меҳру эҳтиром ёд мекунем.

Дӯстони муҳтарам!

Халқу диёри мо дар мубориза бар зидди фашизм бо тамоми халқҳои сулҳпарвари ҷаҳон дар як саф истода, дар Ғалабаи бузург саҳми муносиб гузоштанд. Бо ин чӣ қадар ифтихор намоем, сарфароз бошем, арзанда аст. Тибқи маълумоти таърихӣ, аз 6 миллиону 800 ҳазор нафар аҳолии онвақтаи ҷумҳурӣ, 1 миллиону 950 ҳазор нафар дар ҷангҳои зидди фашизм иштирок кардаанд.

Аз ин миқдор қариб ним миллион нафар дар майдони набард ҳалок гардида, 158 ҳазор нафар бедарак гум шудаанд, беш аз 60 ҳазор нафар ҳамватани мо маъюб баргаштаанд. Гарчанд аз байн ин қадар сол гузашт, ин рақамҳои ғамангез то ҳол ҳам қалбҳои моро ба дард меоранд.

Дар замони ҷанг 214 ҳазор нафар сарбозону афсарони ӯзбекистонӣ бо ордену медалҳои ҷангӣ сарфароз гардида, аз онҳо 301 нафар соҳиби унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ шудаанд, 70 нафар ҳамватанони мо бошанд, бо ҳар се дараҷаи ордени "Шараф" ("Слава") қадрдонӣ гардидаанд.

Дар он солҳои оташину пурмашаққат мардуми мо бо шиори "Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба!" шабу рӯз бо рӯҳияи баланди сафарбарӣ зиндагӣ кардаанд. Ӯзбекистон ба пойгоҳи мустаҳками таъминоти фронт табдил ёфт. Мардуми мо, ки инсонпарвариро ба арзиши бузург табдил дода буданд, ба зиёда аз 1 миллиону 500 ҳазор, ки аз минтақаҳои ҷангзада кӯчонида шудаанд, аз ҷумла 250 ҳазор кӯдаки ятим, ки аз падару модар ва оилаи худ ҷудо шудаанд, сарпаноҳ дода, меҳру муҳаббат зоҳир намуданд.

Ҳамватанони гиромӣ!

Мо барои омӯзиши амиқ ва тарғиби васеи фаъолияти ибратбахши падару бобоёни ғолибу музаффари худ дар роҳи ҳифзи озодии Ватан ва осоиштагии халқ, корҳои зиёдеро татбиқ менамоем. Бахусус, Боғи Ғалаба, инчунин маҷмааҳои ёдгории "Нури хотира" ва "Фидоиёни миллат"-и таркиби он, ки тӯли солҳои охир дар шаҳри Тошканд бунёд гардидаанд, барои мардуми мо ба маконҳои муқаддас табдил меёбанд.

Дар Ӯзбекистони Нав корҳои мо ҷиҳати арҷгузорӣ ба қадри инсон, бахусус дастгирии ҳамаҷонибаи собиқадорони ҷанг ва меҳнат, намояндагони насли калонсол ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои зиндагии солиму пурмазмуни онҳо пайгирона идома доранд. Вақте дар ин бора ҳарф мезанем, бояд таъкид кард, ки соли ҷорӣ ба муносибати ид ба иштирокдорон ва маъюбони Ҷанги дуюми ҷаҳон ба миқдори 30 миллион сӯмӣ мукофотпулӣ дода шуд. Ҳамчунин, барои ҳифзи саломатии иштирокдорон ва маъюбони ҷанг, собиқадорони меҳнат, ба таври ройгон ва имтиёзнок фиристодани онҳо ба осоишгоҳ ва мавзеъҳои истироҳатӣ низоми муассири дастгирӣ амал мекунад.

Дар ин рӯзҳои муборакии ид намояндагони ҳокимиятҳои маҳаллӣ, вакилони ҷамъиятӣ ва ҷавонон ба хонадони собиқадорони ҷанг ва меҳнат, инчунин хидматчиёни ҳарбие, ки тӯли солҳои истиқлолият ҳангоми адои вазифаи хидматӣ ҳалок шудаанд, ташриф оварда, аз ҳоли аъзои оилаҳои онҳо хабар мегиранд, эҳтирому ғамхории баланд зоҳир менамоянд.

Дар саросари мамлакат таҳти шиори "Ӯҳдадорӣ, ҷасорат ва матонат!" маросимҳои ёдбуд, чорабиниҳои фарҳангӣ, вохӯриҳои се насл ва мусобиқаҳои оммавии варзишӣ баргузор мегарданд.

Ҳамватанони азиз!

Замони ниҳоят пуртаҳлукаи имрӯз худ аз ҳамаи мо тақозо мекунад, ки сулҳу субот дар ҷомеа, муҳити дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ миёни миллатҳо ва конфессияҳои диниро боз ҳам бештар қадр намоем.

Ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш кард, ки ваҳдати миллӣ ва ҳамҷиҳатӣ – сарвати бебаҳои мо, асоси мустаҳками тамоми дастовард ва пирӯзиҳои мост.

Дар ин замони мураккаб ҳифзи истиқлолияти Ватан, осоиштагии мардум, таҳкими иқтидори иқтисодӣ ва тавоноии Қувваҳои Мусаллаҳ, густариши ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, бо давлатҳои ҳамсоя, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ҳимояи онҳо аз таъсирҳои зараровар барои мо чун вазифаи ҳалкунанда боқӣ мемонад. Боварии комил дорам, ки дар ин ҷода мактаби мардӣ ва матонати ниёи бузург ва халқи мо, ки 81 сол пеш дар афрохтани парчами Ғалаба дар ҷаҳон саҳми арзанда гузошта буданд, ба мо чун неруи мададрасон хидмат мекунад.

Аз фурсат истифода бурда, халқҳои бародар ва тамоми инсонҳои накӯниятро, ки дар рафъи балои фашизм ҷоннисорӣ кардаанд, бо ин ҷашни пуршараф самимона табрик гуфта, ба онҳо пешрафти устувор ва зиндагии фаровон таманно дорем.

Ҳамватанони азизу муҳтарам!

Шумо, собиқадорони муҳтарам, тамоми халқу диёрро бори дигар аз таҳти дил табрик гуфта, бароятон сиҳатмандию саломатӣ, бахту омад ва ба хонадонҳоятон сулҳу оромӣ ва файзу баракат орзу менамоям.

Бигзор, мардуми меҳнатдӯсту донишманди мо ҳамеша амон бошад!

Худованд дар ҳамаи амалҳои накӯямон дастгирӣ намояд!

Иди хотира ва қадр бар ҳамаи мо муборак бошад!

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН БА ФЕДЕРАТСИЯ РУСИЯ ОМАД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 8 май бо сафари корӣ ба шаҳри Маскав омад.***

Дар фурудгоҳи байналмилалии "Внуково" роҳбари давлати моро муовини вазири корҳои хориҷии Федератсияи Михаил Галузин ва дигар шахсони расмӣ пешвоз гирифтанд.

Сарвари мамлакат дар чорабиниҳои тантанавӣ бахшида ба 81-солагии Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон иштирок мекунад.

**ӮзА.**

# ТАҲКИМИ ҲАМКОРӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ НАВ

***Тибқи иттилои дафтари матбуоти ҳокимият сафари ҳайати вилояти Навоӣ ба Покистон баргузор гардид.***

Дар доираи сафар ҳайат бо сарвазири вилояти Синд Саид Мурод Алӣ Шоҳ мулоқоти судманд анҷом дод. Зимни музокирот ҷонибҳо ба густариши ҳамкориҳои мустақими иқтисодӣ, таъсиси корхонаҳои муштарак ва афзоиши гардиши савдои мутақобила таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд.

Яке аз самтҳои муҳими сафар – барқарор намудани робитаҳои устувор бо сохторҳои давлатии иқтисодии Покистон ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, мулоқот бо намояндагони Trade Development Authority of Pakistan барои роҳандозии ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва пайдо намудани бозорҳои нав заминаи мусоид фароҳам овард.

Ҳамзамон, ҳайати вилояти Навоӣ бо намояндагони як қатор ширкатҳои бузурги саноатии Покистон гуфтушунид анҷом дод.

Дар натиҷаи мулоқотҳо ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки як қатор лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ амалӣ гардида, гурӯҳҳои кории муштарак таъсис дода шаванд. Инчунин, баргузории форумҳои соҳибкорӣ ва ташрифҳои мутақобилаи ҳайатҳои тиҷоратӣ ба нақша гирифта шудааст.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**
*Вилояти НАВОӢ.*



*Дар корхонае, ки аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Zilantex»-и ноҳияи Шерободи вилояти Сурхондарё ташкил шудааст, истеҳсоли калоба ва маҳсулоти бофандагӣ ба роҳ монда шуд.*

*Дар ин корхона 600 нафар аҳолӣ бо кори доимӣ таъмин гардиданд, ки қисми зиёди онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд. Барои зиёд кардани таҷриба ва такмили иқтисоси онҳо аз Туркия мутахассисони соҳибтаҷриба ҷалб карда шудаанд.*

*Дар корхона аз ибтидои соли равон истеҳсоли газвор низ ба роҳ монда шуд. Минбаъд маҳсулоти калоба ва сифати газвори тайёр истеҳсол ва ба савдо бароварда мешаванд.*

***Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ӮзА).***

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ҲАМҶИҲАТӢ – БУЗУРГТАРИН ҚУДРАТ, БЕҲТАРИН САРВАТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Халқи мо чунин фарзандони қаҳрамону фидокореро, ки дар айни ҷавонӣ худро барои ҳимоя аз душман сипар кардаанд, ҳаргиз фаромӯш намекунанд. Танҳо дар соли 2025 ин маҷмааро қариб 650 ҳазор нафар ҳамватанон ва меҳмонони хориҷӣ зиёрат кардаанд.

Дар ин ҷо пайваста чорабиниҳои маънавию маърифатӣ, дарсҳо оид ба таърих, ватандӯстӣ ва "Соати оянда" гузаронида мешаванд. Таъкид гардид, ки чунин иқдом аҳамияти бузурги маънавию тарбиявӣ доранд ва идома додани онҳо зарур аст.

Соли ҷорӣ 690-солагии ниёи бузурги мо Амир Темур дар мамлакат ва хориҷ васеъ ҷашн гирифта мешавад.

Машъали давлатдорӣ, ҷасорат ва қаҳрамонии Соҳибқирон имрӯз низ фурӯзон аст. Ин анъанаи бузургро сарбозон, афсарон ва генералҳои шуҷҳои мо ба таври муносиб идома медиҳанд. Таъкид гардид, ки онҳо сарвати бузурги мо, сипари боэътимоду мустаҳками Ватан мебошанд.
– Имрӯз мо дар симои шогирдони "Мактаби темурбекҳо" ва низомиёни шуҷоъ, ки дар ин ҷо саф оростаанд, авлоди нави Алпомиш, Мангубердӣ ва Амир Темурро мебинем. Мероси ғанӣ, мактаби илму таҷрибаи ниёи бузурги мо на танҳо ба осорхонаҳо, балки ба қалбҳои мо низ бармегардад. Гӯё онҳо дубора зинда шуда, пойдевори Ӯзбекистони Нав ва Эҳёи сеюмро якҷо бо мо бунёд мекунанд. Ҳар як инсон, ки аз Маркази тамаддуни исломӣ, Осорхонаи давлатии таърихи Темуриён дар Тошканд ва маҷмааи Имом Бухорӣ дар Самарқанд боздид мекунад, инро амиқ эҳсос менамояд, – гуфт Президент Шавкат Мирзиёев.

Тавре зикр гардид, ҳифзи Ватан масъалаест, ки барои давлат ва халқ ҳеҷ гоҳ аз рӯзнома хориҷ намешавад. Ин барои ҳамаи мо вазифаи муқаддас ва бузург аст. Бахусус, дар замони ниҳоят пуртаҳлукаи имрӯз, он даҳҳо, садҳо баробар бештар аҳамият пайдо менамояд.

Соли ҷорӣ 35-солагии истиқлолияти Ватани мо бо шукӯҳу шаҳомати бузург таҷлил мегардад. Таҳти шиори неки «Ҳамчун як Ватан, як халқ, ҳаёт ваояндаи навро меофарем!» - истиқбол гардидани ин санаи муборак, албатта дар замири худ маънои амиқро нуҳуфтааст.

– Имрӯз зиддият ва ҷангу низоъҳоро, ки дар минтақаҳои гирду атрофи мо идома доранд, худ шоҳид ҳастем. Дар чунин вазъияти мураккаб, ҳаёт худ бори дигар собит менамояд, ки ҳифзи ваҳдати миллӣ ва ҳамҷиҳатӣ бузургтарин қудрат ва гаронбаҳотарин сарват мебошад. Ҳифзи Ватан бузургтарин ва шарафмандтарин рисолат дар ҷаҳон аст. Ба ҷавонмардони шуҷоъ ва диловари мо, ки ин ҳақиқатро амиқ дарк намуда, ҳамеша ба савганди ҳарбӣ содиқ мемонанд, ҳар қадар таҳсин бигӯем, арзанда аст, – гуфт роҳбари давлат.

Таъкид гардид, ки хиёбони "Фидоиёни миллат" бояд ба макони муқаддасе табдил ёбад, ки шабу рӯз дар он садои ҷасорат танинандоз бошад, мардумро ба мубориза барои сулҳу оромӣ даъват намояд ва дар тарбияи ҳазорон, миллионҳо посбонони Ватан хидмат кунад.

Ғамхории ҳамаҷониба ба аъзои оила ва фарзандони диловароне, ки ҳангоми адои қарзи ҷавонмардии худ дар назди Ватан қаҳрамонона ҳалок шудаанд, дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо минбаъд низ пайваста идома хоҳад ёфт.

Баъдан, Президент Шавкат Мирзиёев иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон ва собиқадорони меҳнати ақибгоҳро аёдат намуда, бо ҷашн табрик кард.

Роҳбари давлат дар Госпитали марказии ҳарбии клиникии Қувваҳои Мусаллаҳ бо Акмалбобо Акрамов, Вера Журавская, Ҳасанбойбобо Холматов ва Владимир Алексейков аз таҳти дил суҳбат орост. Аз аҳволу саломатии пиронсолон пурсон шуд. Роҳи пурмашаққати зиндагӣ ва қаҳрамониҳои онҳоро махсус таъкид намуд.

– Шумо шоҳидони зиндаи таърих, рамзи матонат ҳастед. Вохӯрӣ бо инсонҳои муборакe чун шумо, шунидани панду насиҳатҳоятон ба мо неруи бузурги маънавӣ мебахшад. Халқи мо бо шумо ба маънии ҳақиқӣ ифтихор мекунад. Рӯзҳои ороми озоди имрӯза,ояндаи саодатманди авлод, маҳсули фидокориҳои беназири шумост. Роҳи ибратбахши зиндагии шумо барои ҷавонони мо мактаби воқеии матонат мебошад, – гуфт Президент.

Мувофиқи қарори Президент аз 16 апрели соли ҷорӣ, ба собиқадорони ҷанг ва меҳнат эҳтироми бузург зоҳир карда мешавад.

Иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон, собиқадорони ақибгоҳ ва аъзои оилаи хидматчиёни ҳарбие, ки тӯли солҳои истиқлолият ҳангоми адои вазифаи хидматӣ ҳалок шудаанд, таҳти ғамхории доимии давлат қарор доранд. Ба онҳо дар баробари пешниҳоди кӯмакҳои моддию маънавӣ, барои барқарор намудани саломатӣ ба беҳтарин осоишгоҳҳои ҷумҳурӣ роҳхати имтиёзнок ҷудо карда шудааст.

– Офаридгор ба шумо ҳамчун мукофоти ватандӯстӣ ва меҳнати фидокорона умри дароз ва бахти дар эҳтироми халқу диёр зистанро насиб гардондааст. Дуоҳои шумо барои кишварамон амонӣ ва ба корҳои мо баракат меорад, – гуфт Президент.

Зимни мулоқот пиронсолон ба роҳбари давлат барои ислоҳоте, ки дар мамлакат бобати эҳёи хотираи таърихӣ ва эҳтироми калонсолон амалӣ мешаванд, изҳори миннатдорӣ намуданд.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**мухбирони ЎзА.**

*12 май – Рӯзи ҷаҳонии саломатии растанӣ*

# КАРАНТИН – ЧОРАҶӮӢ БАРОИ ПЕШГИРИИ БЕМОРӢ

***Мафҳуми «карантин» итолиёвӣ буда, маъноаш чил рӯз, яъне чилла – пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва барҳам додани манбаъҳои онҳо мебошад. Карантин аввалин маротиба дар Рум (асри XIV) ба вуҷуд омадааст ва киштиҳое, ки аз маҳалҳои вабо меомаданд, дар бандар 40 рӯз нигоҳ дошта мешуданд. Дертар ин усулро барои мубориза бар зидди дигар гуна касалиҳои сироятӣ истифода мебурданд.***
***Бо гузашти айём тадбирҳои санитарӣ ва тиббӣ дар Русия, дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ дар собиқ ҷумҳуриҳои СССР, аз он ҷумла, Ӯзбекистон вуҷуд дошт. Карантин на танҳо дар байни мардум, инчунин, чорводорӣ, боғу токпарварӣ ва ғайра низ роиҷ буд.***
***Ҳоло дар вилояти Самарқанд низ Садорати карантин ва ҳифзи рустаниҳо амал мекунад, ки мо бо супориши таҳририяти рӯзнома бо сардори он Шомурод ЎРОЗОВ суҳбат кардем.***

– Дар урфият илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ, – мегӯянд, – ходимони мо барои пешгирии бемориҳои сироятӣ дар кишоварзӣ, хосатан эҳёи рустаниҳо аз тадбир ва чораҳои гуногун пурсамар истифода мебаранд. Масалан, чанде пеш қариб 10 ҳазор бех дарахтони мевадеҳ аз Туркия ба Самарқанд оварда шуд. Ходимони тиббӣ-санитарӣ онҳоро аз санҷиш гузаронида, ошкор сохтанд, ки аксарияти ниҳолҳои шафтолу ба бемориҳои сироятӣ гирифтор буда, хатари ҷиддӣ барои паҳншавии оммавӣ доштааст. Мо дар асоси қонун ва қарордоди ҳамкорӣ бо идораҳои дахлдор, ҳуҷҷату дастурро барои нест кардани онҳо тавассути сӯхтан ва ба хокистар табдил додан қабул кардем.

Дар чорчӯбаи «40 рӯзи зарбдор» барои ҳифзи рустаниҳои ғалладона дар 83 ҳазору 913 гектар замин чораҳои карантинӣ амалӣ шуданд. Дар натиҷа, аксарияти минтақаҳои ба бемориҳои сироятӣ печидаи ғалладона нашъу намои хуб доранд.

Боз як кори неку хайри мо дар соҳили рӯду ҷӯйборҳо парвариши рустаниҳои шифобахш, дарахтони мевадеҳ ва сояафкану манзаравӣ аст.

Танҳо соли равон дар асоси қарори Президент доир ба бунёди «Макони сабз» дар беш аз 2 ҳазор гектар замин қариб як миллиону 455 ҳазор бех ниҳолҳои гуногун парвариш меёбанд. Умуман, дар қаламрави вилоят бо роҳи ҳашар беш аз 12 миллион бех ниҳолҳои гуногуни меванок ва манзаравӣ месабзад ва назорати онҳо дар зиммаи садорати мо аст. Ҳангоми пайдо шудани касалӣ чорабиниҳои карантин амалӣ мешаванд.

**– Шомурод Бахромович, соли гузашта дар вилояти Самарқанд деҳқонон аз помидор ҳосили дилхоҳ гирифта натавонистанд. Чаро?**

– Саволи шумо дуруст ва муаммои мазкур аксарияти мардумро ба ташвишу таҳлука гузошта буд.

Дар Ӯзбекистон қариб 50 навъи помидор ба шароити ноҳияҳои вилоят мутобиқ шуда, навъҳои «Волгоград», «Кубан», «Дили барзагов» ва ғайра кишт мешаванд.

Бояд таъкид намуд, ки помидор зироати гармидӯст буда, ҳарорати
20-25-30 барои сабзиши он айни муддаост.

Нигоҳубини растанӣ аз мунтазам нарм кардани замин, аз алафҳои бегона тоза кардан, дар меъёр об додан ва мубориза бар зидди бемориҳои сирояткунанда иборат аст. Ҳоло дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шуъбаҳо дорем ва деҳқонон метавонанд бо масъалаҳои мубориза бар зидди касалиҳои рустанӣ муроҷиат намуда, зироати хешро аз ҳар гуна беморӣ нигоҳ доранд. Аммо ҳангоми кӯчатро дар гармхонаҳо ва ё парваришхона рӯёнидан, ба навъи онҳо, ба шароити маҳаллаҳои зироатӣ мутобиқ шудан,ба бемориҳо тобовар будан аҳамият додан лозим.

**– Шумо аз хизмати шоистаи кадом ноҳияҳо қаноатманд ҳастед?**

– Агар аз рӯи маълумотҳо ва адолат гап занем, қариб ҳамаи зердастони садорати вилоят аз рӯи талаботи замон корбарӣ мекунанд. Вакилони мо дар ноҳияи Самарқанд Ҷасур Салимов, ноҳияи Ургут Эгамбердӣ Очилов, ноҳияи Тайлоқ Умед Муродов, Ҷомбой – Бахтиёр Каримов ва дигарон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки вазифаи хешро хубу аъло иҷро намоянд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**



# АВТОБУСҲОИ НАВ ДАР РОҲҲОИ БУХОРО

*Дар Бухоро бо мақсади беҳтар намудани хидмати нақлиёти ҷамоатӣ, фароҳам овардани имкониятҳои қулай ба аҳолӣ автобусҳои мусофиркашони дарҳаракатбудаи шаҳр бо автобусҳои нави ҷавобгӯи замон иваз карда мешавад.*

*Аз ҷумла, аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Progress mega trans» бо роҳи брутто-шартнома. 24-то автобуси «Zhongtong» оварда шуд. Дар натиҷа дар корхона ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда мешаванд. То охири сол боз беш аз 50 автобуси нав оварда мешаванд.*

**А. АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

***Дар шаҳру ноҳияи Чуст, ғайр аз боғдорӣ, кишоварзӣ, чорводорӣ, парандапарварӣ, киштукору мевапарварӣ дар гармхонаҳо, самти серсоҳаи азалии ҳунармандӣ, аз қабили кордсозӣ, оҳангарӣ, тунукакорӣ, сандуқу ҷевонсозӣ, гаҳворасозӣ, дару тирезасозӣ, қафассозӣ, пойафзолдӯзӣ ва монанди инҳо низ торафт рушд мекунанд.***

# ҲУНАРМАНДӢ РУШД МЕКУНАД

Рӯзҳои наздик бо нияти неку азми қавӣ боз ба як кори хайр даст зада шуд. То имрӯз дар ноҳия сохтмони «Маркази ҳунарманд» бо суръат давом дорад. Майдони умумии он бо саҳнаш 0,04 гектарро фаро мегирад. Дар оянда бинои марказ – ошёнаи аввал ҷойи фурӯши маҳсулот, ошёнаи дуюм истиқоматгоҳи ҷамоа ва таҳхона коргоҳи ҳунармандон мешаванд.

Мақсад соҳаи ҳунармандиро равнақ додан, ҷойҳои нави корӣ бунёд кардан, ба зиёд намудани даромади аҳолӣ мусоидат кардан аст.

Баробар пурра ба кор даромадани марказ ба ҳунармандон имкониятҳои замонавӣ ва қулай фароҳам меоянд. Ин бошад, барои анъанаҳои миллиро қадру ҳифз кардан, онҳоро васеъ тарғиб намудан, ҳамчунин имкониятҳои маҳсулоти дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ рақобатпазир ва барои боз ҳам фарох кардани онҳо замина мегузорад.

Бо рафти кори сохтмони «Маркази ҳунарманд» ҳокими вилоят Шавкат Абдураззоқов аз наздик шинос шуд. Қисми корҳои анҷомёфта аз назар гузаронида, барои дар муддати муайян созу босифат хотима додан ба сохтмон ба масъулон вазифа ва нишондодҳои равшан дода шуданд.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*Дар нигористон*

# НАМОИШИ ЛИБОСҲОИ ТАЪРИХИИ ДОНИШҶӮЁН

***Дар чаҳорчӯби Ҷашнвораи байналхалқии санъати тасвирӣ ва амалӣ дар Мактаби махсуси рассомии ба номи Бенков намоиши либосҳои миллатҳои мухталиф, замонавӣ ва таърихӣ-театрӣ, ки донишҷӯён омода намудаанд, баргузор шуд.***

Имрӯз дар ин мактаб талабаҳо аз рӯйи 12 ихтисос дониш меомӯзанд. Дар кафедраи "Санъати либосҳои таърихӣ-театрӣ" педагог-рассомон тайёр карда мешаванд. Дар ҳар либос анъана ва арзишҳои миллии халқҳои гуногун акси худро ёфтаанд. Дар ҷашнвора беш аз 70 намуди либосҳои этнографӣ ва таърихӣ-театрӣ аз ҷониби донишҷӯ-муаллифон намоиш дода шуданд.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**

*Ба пешвози 35-солагии ҷашни истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

# НАҚШИ ВАРЗИШГАРОНИ МО ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ ШАРАФИ МАМЛАКАТ

***Таърихи пуршарафи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ӯзбекистон ба касе пӯшида нест – варзишгарони мо дер боз номи неку шаъну шарафи ин диёри азизро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардоштаанд. Чанд даҳсола пеш чемпиони ҷаҳон оид ба бокс Рифат Рисқиев, нахустин гроссмейстери байналмилалӣ аз Ӯзбекистон Георгий Аъзамов, футболбозон Михаил Ан, Владимир Фёдоров, Василис Хадзипанагис, ки дар ҳайати дастаи мунтахаби Иттиҳоди Шӯравӣ низ бозӣ кардаанд, «қаҳрамонон»-и олами кӯдакии мо буданд. Ҳамчунин Геннадий Краснитский, Бародар Абдураҳимов ва Андрей Якубик, ки ба дарвозаи рақибон зиёда аз сад гол зада, ба «Клуби Федотов» шомил гардидаанд, ба «афсонаҳои футбол»-и мо табдил ёфта буданд.***

Дар тӯли солҳои истиқлол низ варзиш дар кишвар рушду равнақи тоза пайдо кард. Намояндагони мо борҳо қаҳрамони ҷаҳон ва Осиё гардида, инчунин медалҳои Бозиҳои олимпиро дар намудҳои гуногуни варзиш ба даст овардаанд. Аз ҷумла, дар яке аз чемпионатҳои Осиё байни ҷавонон дастаи футболи Ӯзбекистон ҷойи аввалро ишғол намуд.

Гимнасти машҳури мо Оксана Чусовитина – қаҳрамони олимпӣ, ҷаҳон ва Осиё буда, ҳамчун иштирокдори ҳашт Бозии олимпии тобистона (1992, 1996, 2000, 2004, 2012, 2016, 2020) ба Китоби рекордҳои Гиннес ворид шудааст.

Дар солҳои охир варзиш дар Ӯзбекистон боз ҳам бештар рушд кард. Хусусан муштзанҳои мо дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ба дастовардҳои бузург ноил шуданд. Онҳо дар Бозиҳои олимпии охир дар маҷмӯъ 20 медал ба даст оварданд, ки аз ин шумора 10-тояш тилло мебошад. Дар Олимпиадаҳои солҳои 2020 ва 2024, ки дар Токио ва Париж баргузор гардиданд, муштзанҳои ӯзбекистонӣ бо натиҷаҳои баланд ва ҳатто рекордӣ пирӯз шуданд. Аз ҷумла, ҳунари баланди Ҳасанбой Дӯсматов, Абдумалик Ҳалоков, Асадхӯҷа Муйдинхӯҷаев, Лазизбек Муллоҷонов ва Баҳодур Ҷалолов таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ба худ ҷалб намуд.

Чемпионати ҷаҳон оид ба бокс моҳи майи соли 2023 бо иштироки зиёда аз 600 варзишгар аз 107 кишвари ҷаҳон дар шаҳри Тошканд баргузор гардид. Дар ин мусобиқа Асадхӯҷа Муйдинхӯҷаев, Ҳасанбой Дӯсматов, Абдумалик Ҳалоков, Руслан Абдуллоев ва Баҳодур Ҷалолов ба унвони қаҳрамонӣ сазовор шуданд. Ҳамчунин чор муштзани ӯзбекистонӣ медалҳои нуқра ва биринҷӣ ба даст оварданд. То он вақт варзишгарони кишвар дар мусобиқаҳои сатҳи ҷаҳонӣ ба чунин натиҷаи баланд ноил нашуда буданд. Дар маросими ҷоизасупорӣ Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев иштирок ва суханронӣ намуд.

Беҳуда футболро «бозии миллионҳо» намегӯянд. Барои рушди ин навъи оммавитарини варзиш низ таваҷҷуҳи ҷиддии давлатӣ зоҳир мегардад. Дар солҳои охир майдонҳои футболи зиёда аз якуним ҳазор мактаб дар кишвар таъмиру навсозӣ шудаанд. Имрӯзҳо дар онҳо беш аз як миллион кӯдак ва наврас бо машқ машғул шуда, маҳорати худро такмил медиҳанд. Дар тамоми кишвар мусобиқаҳои гуногуни футбол баргузор гардида, беҳтаринҳо қадрдонӣ мешаванд.

Шумораи варзишгоҳҳои мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ низ афзоиш ёфтааст. Агар соли 2017 дар кишвар ҳамагӣ 3 варзишгоҳ ба талаботи ФИФА ва Конфедератсияи футболи Осиё ҷавобгӯ буд, имрӯз ин шумора ба 10 расидааст.

Соҳиби майдон шудан дар мусобиқаҳои сатҳи ҷаҳонӣ, бешубҳа, ифтихори бузург аст. Қарор аст соли 2027 чемпионати ҷаҳон байни ҷавонон дар Ӯзбекистон ва Озарбойҷон баргузор гардад.

Айни замон дар ҳудуди «Тошканди Нав» варзишгоҳи бузурги муосир бо арзиши 100 миллион доллар сохта мешавад. Он барои 55 ҳазор тамошобин пешбинӣ шуда, пурра ба талаботи ФИФА ҷавобгӯ хоҳад буд. Дар назди он инчунин се майдони тамринӣ бунёд мегардад. Тибқи пешгӯии мутахассисони соҳа иншооти мазкур яке аз калонтарин ва муосиртарин маҷмааҳои варзишӣ дар Осиёи Марказӣ хоҳад шуд.

Комёбиҳо худ аз худ ба даст намеоянд – онҳо натиҷаи меҳнати пайваста ва талоши ҷиддӣ мебошанд. Албатта, имконияту шароите, ки аз ҷониби давлат фароҳам оварда мешаванд, дар ин роҳ нақши муҳим доранд.

Дар бораи футбол сухан ронда, бояд зикр кард, ки дастаи мунтахаби олимпии Ӯзбекистон бори аввал ду сол пеш дар Олимпиадаи Париж иштирок намуд. Ҳамчунин соли ҷорӣ рӯйдоди таърихии дигар ба амал меояд – дастаи мунтахаби миллии кишвар бори аввал дар чемпионати ҷаҳон, ки дар ИМА, Канада ва Мексика баргузор мегардад, ширкат хоҳад варзид.

Шоҳмоти Ӯзбекистон низ имрӯз мавриди таваҷҷуҳи ҷаҳонӣ қарор дорад. Шоҳмотбози ҷавон Ҷавоҳир Синдоров дар мусобиқаи номзадҳо, ки дар Кипр баргузор гардид, дар 14 бозӣ 10 имтиёз ба даст оварда, нуфузи мактаби шоҳмоти кишварро боз ҳам боло бурд. Ӯ акнун барои унвони қаҳрамони ҷаҳон бо Гукеш Доммараҷу рақобат хоҳад кард.

Моҳи сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Самарқанд Олимпиадаи 46-уми ҷаҳонии шоҳмот баргузор мегардад. Умед аст варзишгарони мо дар ин мусобиқа низ натиҷаҳои назаррас ба даст оварда, обрӯи кишварро баланд мебардоранд.

Ду даҳсола пеш шоҳмотбози маъруф Рустам Қосимҷонов чемпиони ҷаҳон (аз рӯи версияи ФИДЕ) гардид. Орзу мекунем, ки Ҷавоҳир Синдоров низ дар оянда ба чунин дастоварди бузург ноил гардад.

Бо ифтихор метавон гуфт, ки имрӯз дар рейтинги ФИДЕ аз панҷ шоҳмотбози беҳтарини ҷаҳон ду нафар – Нодирбек Абдусатторов ва Ҷавоҳир Синдоров – намояндагони Ӯзбекистон мебошанд. Ин далели равшани рушди босуръати мактаби шоҳмоти миллӣ аст.

Ғамхорӣ ба рушди варзиш ва оммавигардонии он дар байни аҳолӣ яке аз самтҳои



устувори сиёсати давлатӣ ба шумор меравад. На танҳо дар шаҳрҳо ва марказҳои навоҳӣ, балки дар гӯшаҳои дурдаст низ барои рушди соҳа таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

Масалан, дар ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона, ки аз минтақаҳои дурдаст ба ҳисоб меравад, солҳои охир барои ҷалби аҳолӣ ба варзиш шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Чанде пеш муовини Сарвазири ҷумҳурӣ ва як қатор вазирон ба ин ноҳия ташриф оварданд. Дар баробари дигар масъалаҳо, вазъи соҳаи варзиш низ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Таъкид гардид, ки беҳтар намудани ҳолати иншооти варзишӣ, таъмин намудани мактабҳо ва маҷмааҳои варзишӣ бо кадрҳои соҳибихтисос аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравад. Пешниҳодҳо ва тавсияҳо дар ин самт мавриди омӯзиш қарор гирифта, барои амалисозии онҳо чораҳои зарурӣ андешида шуданд.

Ин тадбирҳо аллакай самараи худро медиҳанд — дар вақтҳои охир аз ин ноҳия низ варзишгарони муваффақ дар сатҳҳои гуногун ба камол мерасанд, ки боиси ифтихор аст.

Ба истилоҳ, «ба тӯй бо тӯёна», варзишгарони мо мекӯшанд пирӯзиҳои худро ба муносибати Иди аз ҳама бузург ва аз ҳама азиз ҳамчун туҳфа тақдим намоянд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ПИСАР ДАР БОРАИ ПАДАР

## ё худ боз як китоб дар бораи Тешабой Одилов

**_Дар сангарҳои Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ нафарҳои зиёд корномаҳои бемисл нишон додаанд. Дар бораи ҳар яки онҳо аҳли қалам чизе навиштаанд. Вале фикр мекунем китоб ва маводи аз ҳама зиёд дар бораи кору пайкор ва фаъолияти ибратбахши ҷанговари афсонавӣ, фарзанди Сӯхи бостон Тешабой Одилов навишта шудаанд, ки ин сир нест._**




Мақола, шеър ва достонҳо дар бораи мавсуф ниҳоят сершумор. Айни замон бо чанд забон китобҳои бисёр низ оиди қаҳрамониҳои вай рӯйи нашр дидаанд, аз қабили «Снайпер Тешабой Адилов»-и нависандаи рус Павел Лукнитский («Ленинград», соли 1943), «Тешабой Одилови ленинградӣ» («Сталинобод», соли 1944, маҷмӯаи мақолот), «Баҳодури тоҷик» (мураттиб Алӣ Бобоҷон, нашриёти «Адиб», соли 1989), «Тоҷикписари афсонавӣ» (мураттибон Сафар Сулаймонӣ, Бекназар Аҳмадов ва Одилҷон Тешабоев, Душанбе, соли 2005), «Одилови снайперчӣ» (мураттибон Сафар Сулаймонӣ ва Одилҷон Тешабоев, «Фарғона», соли 2005), «Легандарный Тешабой Адилов», мураттиб Элвира Султонова, Хуҷанд, 2008). Ҳамчунин дар сеҷилдаи нависандаи рус Павел Лукнитский «Ленинград амал мекунад» корномаҳои ҷангии ҳамдиёри номвари мо қаламдод шудааст. А. Гитович, А. Михайлов, Н. Тихонов, Л. Писарев, З. Нигматуллин,Т.Дяченко, К. Конков, А.Белогловсев, Ф. Чернокустов, М. Турсунзода, М. Раҳимӣ, М. Аминзода, М. Миршакар, Раҷабзода, С. Улуғзода, С. Султон, Ойбек, Адҳам Раҳмат ва дигар адибону рӯзноманигорон мансуб ба миллатҳои гуногун дар бораи Тешабой Одилов шеърҳо, достонҳо, осори публитсистӣ ва хотираҳо навиштаанд, ки ҳар кадом ҷолиби диққат мебошанд. Хотираҳои роқими ин сатрҳо низ дар «Тасвир», «Жамият» ва «Ҳуррият» барин ҳафтаномаҳо марбут ба зиндагиномаи ҷанговари беназир рӯйи нашр дидааст.

Қаҳрамони арсаҳои ҷанг қаҳрамони маркази синамои ҳуҷҷатӣ низ қарор гирифт. Дар даврае, ки ҷанговарони мо барои ҳар ваҷаб хоки ватан ҷон додаву ҷон мегирифтанд, дар тамоми фронтҳои амалкунанда картинаи кӯтоҳметраж дар мавзӯи ватанпарастӣ бо унвони «Тешабой Одилов» намоиш дода мешуд. Филм илҳом ва рӯҳи тоза ҳадя мекард аскару афсарони моро, эътимод мебахшид ба пирӯзии бузург.

Баъдтар киноэҷодкорони Ӯзбекистон ҳам дар ин мавзӯъ се филми ҳуҷҷатӣ офариданд: «Ҷанг ҳамаи дарвозаҳоро мекӯфт», «Дар саросари дарёи Сӯх» ва «Афсонае, ки ба ҳақиқат табдил ёфт».

«Фронтовой иллюстратсии» дар бораи Тешабой Одилов фотосуратҳо паҳн менамуд.

Дар яке аз фотосуратҳои рӯзномаи «Ленинградская правда» Тешабой Одилов бо лабони пуртабассум акс ёфта ва дар зерсурат сабт ёфта буд: «Қаҳрамони фронти Ленинград, ки бо камони снайпериаш 114 нафар душманро нест карда, дар 33 ҳуҷум бо сарнайза иштирок намудааст, бо ордени «Ленин» ва медали «Барои мудофиаи Ленинград» мукофотонида шудааст».

Дар зери плакат боз навишта шуда буд: «Рафиқ ҷанговар! Фашисти лаинро зан, чи хеле ки ӯро снайперони шарафманди мо мезананд!»

Моҳи феврали соли 1943 Одиловро барои адои хидмат бо рутбаи лейтенантӣ ба мактаби тирандозони моҳир, ки ба он капитан Гибло роҳбарӣ мекард, ба сифати ҷонишини сардори мактаб мефиристанд...

Ба наздикӣ аз ҷониби нашриёти «Фарғона» боз як китоб оиди Тешабой Одилов бо унвони «Фарзанди ду халқ, қаҳрамони ду миллат» ҷомаи табъ ба бар намуд. Муаллиф – писари қаҳрамони афсонавӣ Одилҷон Тешабоев.

Одилҷон мегӯяд, дар баъзе навиштаҷот оиди фаъолияти падараш иштибоҳҳо ҷой доранд. Бинобар ҳамин назди худ мақсад гузоштааст он хатоҳоро ислоҳ намояд, ба чанде аз номафҳумиҳо равшанӣ андозад. Ӯ ҳамчунин дар бораи ҳаёти давраиҷангӣ ва баъдиҷангии падари бузургвораш маълумотҳои арзишманди тоза илова намудааст. Ба қисмате аз рӯйдодҳо марбут ба солҳои охири ҳаёти Тешабой Одилов вай бевосита гувоҳ будааст.

Одилҷон қайд кардааст: «Банда яке аз аъзои оилаи ин ҷанговари афсонавӣ буда, 45 соли ҳаётамро якҷо бо падари бузургвор гузарондаам. Табиист, ки қисман шоҳиди воқеа ва ҳодисаҳои ҳаёти баъдиҷангии ӯ шудаам...»

Китоби нав дар бораи Тешабой Одилов аз пешгуфтору охирсухан, инчунин «Овони наврасиву ҷавонӣ», «Белоруссияи Ғарбӣ», «Нимҷазираи Койвисто», «Пятачоки Нева», «Андешаҳо дар госпитал», «Шайтони сурх», «Ҳуҷҷатҳо аз Архиви марказии Вазорати мудофиаи Федератсияи Русия», «Шаҷара», «Фарзанди ду халқ», «Санаҳои муҳимми ҳаёти Тешабой Одилов», «Шогирдон», «Мактаби снайперӣ», «Воқеаи харбузаву каду» барин бобҳо таркиб ёфтааст.

Навъе дар китоби «Фарзанди ду халқ, қаҳрамони ду миллат» қайд шудааст, корномаҳои бемисли Тешабой Одиловро ба ҳисоб гирифта, 26 апрели соли 1942 ӯро ба унвони олии Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ пешбарӣ мекунанд. Вале бо чӣ сабабе бошад, дар вақташ ба вай ин унвонро надоданд. (Чунин бебарорӣ ба сари бархе ҷанговарони шуҷоъи дигар низ афтода будааст). Вале маълумотҳои тозае, ки аз Бойгонии маркази Вазорати дифоъи Русия ва Корпоратсияи ЭЛАР – калонтарин Интернет-портал дар бораи ҳуҷҷатҳои ҳақиқӣ аз давраи Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ овардашуда, маълум мегардад ба Тешабой Одилов унвони олии Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ дода шудааст. Нусхаи ҳамин маълумот дар китоб чоп гардидааст.

Китоби нав дар бораи қаҳрамони воқеии Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ ва қаҳрамони шеъру достону филмномаву китобҳои зиёд Тешабой Одилов то андозае характери тарҷумаиҳолӣ дорад ва бо забони оммафаҳм навишта шудааст.

**М. ШОДИЕВ.**

Варзиш

**_Баҳси финали мусобиқаи футбол барои Ҷоми раиси Хидмати амнияти давлатӣ дар варзишгоҳи маркази ноҳияи Бӯка баргузор шуд. Дастаи «Олтиш» бо дастаи «Паркент» барои ба даст овардани пирӯзӣ ва роҳхат ба даври вилоятии мусобиқа талош варзиданд._**

# «ОЛТИШ» – ЧЕМПИОНИ НОҲИЯ

Футболбозони ҳар ду даста ҳунарнамоии хуб нишон доданд. Дар натиҷа вақти асосии бозӣ бо ҳисоби якранг 0:0 ба охир расид. Ғолиби сабқат дар задани пеналтиҳо муайян гардида, ҷавонони «Олтиш» пирӯзиро ба даст оварданд.

Дастаи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Равот» ҷойи сеюмро соҳиб гардид.

Дар мусобиқаи мини-футбол дастаи «Янгиҳаёт» ҷойи якумро гирифта бошад, ҷойҳои дуюм ва сеюм ба ҷамоаҳои «Катта-равод» ва «Хӯҷақурғон» насиб гардид.

Инчунин рӯйи мини-футбол миёни духтарон ҷамоаи сектори 4-ум ҷойи якумро ба даст овард. Ҷойҳои дуюм ва сеюм ба дастаҳои сектори 3-юм ва 1-ум насиб кард.

Бояд гуфт, ки дар мусобиқаҳои соли ҷорӣ ҷамъ 80 ҷамоа аз 38 маҳаллаи ноҳия иштирок карданд.

**М. ҚОДИРЗОДА.**
*Вилояти ТОШКАНД.*

Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш намешавад!

# НЕСТ БОД ҶАНГ, ПОЯНДА БОД АМНИЯТ!

Беш аз 80 сол аст, ки 9 май ҳамчун Рӯзи Ғалаба ва пас аз дарёфти Истиқлол ба сифати Рӯзи хотира ва қадр ҷашн гирифта мешавад.

Пас ин кадом Ғалаба асту Рӯзи хотираю қадршиносии кист?

Дар таърихи инсоният то ҳол қариб шонздаҳ ҳазор ҷангҳои хурду калон рух додаанд, ки даҳшатноктаринашон Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Ин ҷанг дар таърихи Иттиҳоди Шӯравӣ, ки 15 ҷумҳурии миллиро муттаҳид менамуду як давлати абарқудрати ҷаҳонӣ ба шумор мерафт, бо номи «Ҷанги Бузурги Ватанӣ» сабт шудааст.

Он 22 июни соли 1941 аз ҷониби фашистони Олмони гитлерӣ, ки аҳдшиканона ба хоки мамлакати шӯроҳо ҳуҷум карда буданд, оғоз ёфт. Душман дар назди худ мақсад гузошта буд, ки сохтори давлати шӯравиро нобуд кунад, ҳудуди мамлакат ва сарватҳои онро забт намояд, халқи моро ғулом гардонад ва ё тамоман маҳв кунад.

Вале ҷанг 9 майи соли 1945 бо ғалабаи халқи сермиллати Шӯравӣ ва бегуфтугӯ таслимшавии Олмони фашистӣ анҷом ёфт. Рӯзи Ғалаба барои Иттиҳоди шӯравӣ аз ҷашнҳои азизтарин буд. Азбаски дар ин рӯз шаҳидони ҷанг ва онҳое, ки барои ҳифзи Ватан ҷон дода буданд, ба ёд оварда мешуданд.

Дар зарфи беш аз ҳаштод соли гузашта наслҳои наве ба камол расиданд, ки ҷангро надидаанд, аз сар нагузаронидаанд. Аммо 9 майи соли 1945 ҳар қадар ба қаъри таърих дуртар равад, шаъну шукӯҳ ва аҳамияти таърихии ҷасорати беназири мардуми замони ҷанг ва Қувваҳои Мусаллаҳи он давр ҳамон андоза бештар ва дурахшонтар падидор мегардад.

Ман хабари анҷом ёфтани Ҷанги Бузурги Ватаниро бинобар ду ҳолат хуб дар хотир дорам. Охирҳои моҳи апрел ё рӯзҳои аввали моҳи майи соли 1945, ки ман чаҳорсола будам, дар рӯй ба рӯйи боғҳавлии мо, боғи калони зардолузори вақфи масҷиди деҳаи Шалғамон ду-се мошини боркашони болопӯш омада истоданд ва аз он аскарон фуромада, лашу лушҳои худро ҳам фаровarданд.

Баъд дар як гӯшаи ин боғ аз латтаҳои ғафси ҳамчун либосҳояшон носранг хаймаҳо бардошта, барои худ бошишгоҳ бунёд карданд. Пас чанд ҷӯйи дарозиаш 15-20 метр, бараш тақрибан як метр ва чуқуриаш қади одам кофтанд. Мо бачаҳо дуртар истода тамошо мекардем, ки онҳо чӣ мекунанд?

Рӯзи дигар аскарбачаҳо дар дасташон милтиқ ба ин чуқуриҳо даромада гӯё «руст-рустаконбозӣ» мекарданд. Баъзан овози тир ҳам шунида мешуд. Сипас ба назди ҳамон хаймаҳояшон нишаста наҳор мехӯрданд.

Модарам ин ҳолатро аз назди дарвозаи боғ дида, ба домони ман мавизу чормағз ва қоқи зардолу андохта, мегуфт:

– Инро бару ба он аскарбачаҳо деҳ. Акои ту, писари калонии ман ҳам ба ҷанг рафта, дар ким-куҷо ҳамин аскарбачаҳо барин афту дарафт карда гаштааст.

Ман маводи модарам додаро ба он аскарбачаҳо бурда диҳам, онҳо аз рӯйи пораҳои калони коғаз, ки ҳамчун дасторхон паҳн карда, болояш нону ғизои аскарӣ монда буданд, ба ман як пора нони «хлеб» медоданд.

Ман шарм дошта нонро намегирифтам. Лекин онҳо маҷбуран ба доманам меандохтанд.

Лекин аз байн ду-се рӯз нагузашта, аскарбачаҳо якбора тамоми лашу лушашонро ғундошта, ба мошинҳояшон нишаста рафтанд.

Ҳамон бегоҳӣ падарам аз кӯча хабар овард, ки ҷанг бо ғалабаи мо тамом шудааст.

Модарам ин хабарро хеле хушнудона истиқбол намуда: – Шояд писари ман ҳам имрӯз-пагоҳ омада монад, – мегуфт.

Ӯ намедонист, ки писари калониаш – Нуриддини нуздаҳсола соли 1942 дар набардҳои шадиди назди Сталинград бедарак гум шудааст.

Ана ҳамин тавр, охири ҷанг дар хотири ман нақш бастааст.

**(Давомаш дар саҳ.4).**



# САНЪАТИ МИЛЛӢ – ОМИЛИ МУҲИМИ ҲИФЗИ ҲУВИЯТИ ФАРҲАНГӢ

**_Дар замони ҷаҳонишавӣ ҳифз ва рушди санъати миллӣ яке аз вазифаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин замина, дар мактаб-интернати махсуси санъати Навоӣ таҳти унвони «Нақши гулдӯзии миллии Нурато дар рушди минбаъдаи санъати тасвирӣ ва амалии Ӯзбекистон» семинари ҷумҳуриявӣ баргузор гардид._**

Ин чорабинӣ бо ташаббуси Академияи бадеии Ӯзбекистон роҳандозӣ шуда, ҳадафи асосии он татбиқи қарорҳои давлатӣ, ҳифзи мероси фарҳанги миллӣ ва мутобиқсозии он ба талаботи замони муосир буд.

Дар семинар намояндагони соҳаи санъат, омӯзгорон, ҳунармандон ва муҳаққиқон иштирок намуданд.

Дар доираи семинар, саркотиби илмии Академияи санъати Ӯзбекистон Фируза Обидҷонова баромад намуд, инчунин машғулиятҳои амалӣ ва мастер-классҳо ташкил гардиданд. Иштирокчиён бо вижагиҳои бадеии гулдӯзии Нурато, рамзҳои ниҳонии нақшу нигор ва роҳҳои истифодаи онҳо дар тарроҳии муосир шинос шуданд.

Қобили зикр аст, ки чунин семинарҳо барои табодули таҷриба, густариши ҳамкориҳо ва пайдо кардани роҳҳои нави рушди санъати миллӣ заминаи мусоид фароҳам меоваранд. Онҳо инчунин ба кашфи истеъдодҳои ҷавон ва ҳифзи анъанаҳои қадимаи ҳунармандӣ мусоидат мекунанд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ЭҲТИРОМ БА МЕРОСИ МАЪНАВӢ ВА ДӮСТИИ ХАЛҚҲО

**_Ба ифтихори солгарди таваллуди ду шахсияти барҷастаи адабиёти Шарқ – Садриддин Айнӣ ва Абдулло Тӯқай дар вилояти Қашқадарё силсилаи чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ бо шукӯҳу шаҳомати хоса баргузор гардид._**

Ин иқдом ба муносибати 148-солагии Устод Садриддин Айнӣ – асосгузори адабиёти навини тоҷик ва рамзи бедории миллӣ, инчунин 140-солагии шоири маъруфи халқи тотор Абдулло Тӯқай роҳандозӣ гардида, гирди ҳам намояндагони ҷомеаи фарҳангӣ, марказҳои миллӣ ва созмонҳои ҷамъиятиро ҷамъ овард.

Дар ҷараёни чорабинӣ намояндагони марказҳои миллӣ-фарҳангии тоҷикон ва тотору бошқирд, инчунин фаъолони созмонҳои ғайриҳукуматӣ ширкат варзида, аз нақши ин абармардон дар рушди маърифат, таҳкими робитаҳои фарҳангӣ ва густариши дӯстии байни халқҳо ёдовар шуданд.

Таъкид гардид, ки осори пурғановати Садриддин Айнӣ на танҳо пояи адабиёти тоҷикро устувор сохт, балки ҳамчун мактаби бузурги тарбиявӣ барои наслҳои оянда хидмат менамояд. Ҳамзамон, мероси адабии Абдулло Тӯқай бо рӯҳи озодандешӣ ва инсонпарварӣ дар қалби хонандагон ҷойгоҳи хоса дорад.

Иштирокчиён перомуни аҳамияти ҳифзи арзишҳои миллӣ, тарғиби фарҳанги китобхонӣ ва омӯзиши осори ин шахсиятҳои бузург андешаҳои ҷолиб иброз дошта, чунин чорабиниҳоро омили муҳими тақвияти худшиносӣ ва ваҳдати фарҳангӣ арзёбӣ карданд.

Бояд гуфт, ки баргузории чунин маҳфилҳои маърифатӣ дар замони муосир аҳамияти хоса дошта, барои таҳкими пойдории дӯстии халқҳо ва рушди фарҳанги миллӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Д. ДОНИЁР.**

# ЁРОНИ ҶАВОНИЯМ КУҶОЕД, КУҶО?..

Вохӯрии пас аз 50 соли ҳамсинфон ҳодисаи фаромӯшнопазири пур аз эҳсосот буда, хотираҳои ширини айёми ҷавониро ба таҳрик меоварад.

Панҷоҳ сол... Ним аср муқаддам мо – ҷавонони пуруммеду орзу аз остонаи мактаб ба паҳнои олам қадам гузошта будем. Имрӯз, пас аз панҷоҳ сол, дубора дар назди мактаби азиз ҷамъ омадем. Бо мӯйҳои сафед, чеҳраҳои пурожанг, чашмони камбину камнур, вале дилҳои ҳанӯз ҷавону орзуманд. Ин вохӯрӣ танҳо дидори дӯстон не, балки бозгашт ба айёми поку беғаш, шоду беғамии бачагӣ, наврасӣ ва ҷавонӣ буд.

Чанде пеш мо – хатмкардагони мактаби миёнаи рақами 8-уми ба номи Гоголи шаҳри Самарқанд 50-солагии хатми мактабро бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифтем. Дар чорабинӣ директори мактаб Нигора Суярова мо – шогирдони дӯшинаи ин маърифатгоҳи азизро хайра мақдам гуфта,ба сайри синфхонаҳо, толори дилнишин, музей ва кабинетҳои ҷиҳозонидашудаи мактаб роҳбаладӣ намуд. Ҳини шиносоӣ бо мактаб аз муваффақиятҳои шогирдони кунунӣ нақл карда, дастовардҳои онҳоро қайд намуд. Мо боз дар паси мизҳои мактаб нишаста, ёд аз устодони собиқ ва сабақҳои онҳо кардем. Устодон – муаллими таърих А. Воҳидов, муаллими забони форсӣ М.Тӯрақулова, муаллимаи химия М.Маҳмудов дар вохӯрӣ бевосита иштирок намуда, бо шогирдони собиқи хеш самимона ва гарму ҷӯшон суҳбат карданд. Сипас Зоҳир Умаров, Хайринисо Шамсиева ва Гулнора Каримоваҳо аз номи хатмкардагон ба роҳбарияти мактаб ва муаллимони арҷманд арзи сипос намуданд, шеъри шоири забардасти тоҷик Мирзо Турсунзода «То тавонӣ дӯстонро гум макун» ва шеърҳоеро, ки ҳанӯз дар синфи 1 аз китоби «Алифбо» ёд карда буданд, қироат карданд. Ин лаҳзаҳо хотираҳои айёми ҷавониро тоза ва ҳозиринро хушнуд гардониданд.



Қисми фарҳангии чорабинӣ дар тарабхона идома ёфт. Рақсу суруд ва барномаҳои зебои фарҳангӣ ба ҷашн рӯҳи тоза бахшид.

Дар анҷом шогирдони собиқ ҳамчун нишонаи эҳтиром ба устодон ва мактаби азизи худ туҳфаҳо супурданд.

**Ш. ВОҲИДОВА**
*ш. САМАРҚАНД.*

# 9 май — Рӯзи хотира ва қадр

# НЕСТ БОД ҶАНГ, ПОЯНДА БОД АМНИЯТ!

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ман чӣ будани ҷангу барои ҳимояи Ватан чӣ корнамоиҳо нишон додани ҷанговаронамонро сонитар, вақти мактабхониам аз дарсҳои муаллимону аз китобҳои адибон хонда сарфаҳм мерафтам. Махсусан, достони Абулқосим Лоҳутӣ «Ғалабаи Таня», ки дар бораи партизандухтари рус Зоя Космодемянская буд, ҷангномаҳо дар бораи корнамоиҳои Александр Матросов, Николай Гастелло, гвардияи ҷавон бо сардории Олег Кошевой, Тешабой Одилов, шеърҳои ба қаҳрамонони ҷанг бахшидаи Мирзо Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Ғафур Ғулом, қиссаҳои Фотеҳ Ниёзӣ, Сотим Улуғзода..., хотираҳои иштирокчиёни ҷанг ба мо таассуроти зиёд мегузоштанд. Падарам мегуфт, ки аз як деҳаи хурдакаки мо, ки ҳамон вақт қариб дусад оила зиндагӣ мекард, 40 ҷавонмард барои ҳимояи Ватан рафта, аз онҳо танҳо 16 нафарашон баргашта омаданд. Дигарон ё дар майдонҳои набард шаҳид, ё бедарак гум шудаанд.

Минбаъд ман асарҳои дар мавзӯи ин ҷанги хунин навиштаи адибони халқҳои гуногуни шӯравӣ Васил Биков, Микола Бажан, Ғафур Ғулом, Муъмин Қаноат, Чингиз Айтматов, Шӯҳрат, Одил Ёқубов ва бисёри дигарро дар дарсҳои адабиёт барои донишҷӯён чун маводи асосӣ тавсия мекардам, то онҳо низ чун далерони Ватан ба воя расанд.

Ҳангоми сафарҳои худ ба Ленинград (Санкт-Петербург) вақти зиёрати қабристони Пискарёв, ки дар он ҷой ҳазорон нафар шаҳидони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва муҳосираи 900 рӯзаи ин шаҳр хобидаанд, махсусан варақҳо аз дафтарчаи хотиравии Таня Савич, ки дар музейи назди ҳамин қабристон маҳфуз аст ва ҳини сафар ба Латвия дар қабристонии Саугаплис, ки дар он ҷо нақли роҳбаладро бобати аз ҷониби фашистон зинда гӯр карда шудани садҳо нафар занону мардон ва аз пӯсти бачагон барои занҳояшон сумкаю тасма таҳия намудани онҳоро шунида, чӣ будани ҷангро бо тамоми даҳшатҳояш ҳис кардаам, нисбат ба ҷангҷӯёни лаин ғазабам дуболо мешуд.

Назар ба маълумотномаҳои солҳои аввали баъди ҷанг дар он 20 миллион одам қурбон шудаанд. Лекин мувофиқи маълумоти солҳои 80-уми асри гузашта, ки дар арафаи 40-солагии Ғалаба эълон шуда буд, миқдори шаҳидони замони ҷанг аз шӯравӣ беш аз 27 миллион нафар аст. Вале шояд аз он ҳам зиёдтар бошад.

Ҳарчанд арсагоҳҳои ҷанг дар Украина, Белорусия, соҳилҳои баҳри Балтика ва қисми ғарбии Русия воқеъ буданд, баҳри ҳимояи Ватан, ки барои ҳамаи халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ягона буд, мардуми тамоми мамлакат сафарбар мешуданд. Дар бораи кумаки ватанпарваронаи халқҳои ӯзбек ва тоҷик низ ҳикояву қиссаҳои ҳуҷҷатӣ навишта шудаанд. Ман инро пештар дар мисоли «Эшелони мададкор» ном қиссаи ҳуҷҷатии шодравон Воҳид Абдуллои Самарқандӣ навишта будам.

Тайи солҳои охир рух додани ҷангҳои шадид боиси шаҳид шудани ҳазорон нафар мардуми бегуноҳ гардид, ки ғазаби моро ба муқобили ҷангу ҷангҷӯён барангехт.

Дар шароити кунунӣ, ки дар ин ё он гӯшаи олам оташи ҷангҳои бемаънӣ сар мезананд ва хавфу хатар барои ҷумҳуриҳои осоиштаи Осиёи Миёна низ пӯшида нест, кори муҳофизати сулҳу амонӣ, мустаҳкам намудани иқтидори иқтисодӣ ва мудофиавии мамлакатамон, Қувваҳои Мусаллаҳи он аз тамоми мардуми меҳнатқарини кишвар тақозо мекунад, ки фаъолияти сиёсӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоиро пурзӯр намуда, интизоми меҳнат, тартибот ва робитаи дӯстиро бо тамоми халқҳои ҷаҳон мустаҳкам гардонад.

Барои ҳамин ҳам мардуми сулҳпарвари Ӯзбекистон ҷашни пуршараф – Рӯзи Ғалабаро ҳамчун Рӯзи хотира, ёдбуд ва қадршиносии гузаштагонамон истиқбол мегиранд.

**Аслиддин ҚАМАРЗОДА,**
**профессор, Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

***Санаи 9 май ҳамчун Рӯзи хотира ва қадр на танҳо рӯзи муҳими тақвим аст, балки иди муқаддасест, ки дар худ хотираи миллӣ, ифтихори миллӣ ва вазифаи инсониро таҷассум мекунад.***
***Дар ин рӯз мо ҳамватанони худро, ки дар майдонҳои ҷанг ҳалок гаштаанд, ёд мекунем, ба рӯҳи онҳо эҳтиром мегузорем.***

# ҶАНГОВАРИ ОХИРИН



Айни замон вазифаи маънавии ҳар яки мост, ки ба собиқадороне, ки имрӯз дар байни мо зиндагӣ мекунанду тамоми душвориҳои ҷангро бо чашмони худ дидаанд, аз сар гузаронидаанд, таваҷҷӯҳ ва эҳтироми хоса зоҳир кунем. Зеро онҳо таърихи зинда, рамзи шуҷоат ва матонат мебошанд. Онҳо одамоне ҳастанд, ки бо ҳаёти худ то чӣ андоза ба душворӣ ва гаронӣ ба даст омадани сулҳу амониро собит кардаанд.

Яке аз чунин иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон Муҳаммадиброҳимота Иномов мебошад. Ӯ сокини маҳаллаи Оқтеппаи ноҳияи Янгиқӯрғон, ҳоло 104 солагии худро ҷашн мегирад.

Суҳбат бо ӯ на танҳо роҳи зиндагии як шахс, балки сарнавишти ирода ва ҷасорати тамоми як наслро равшан мекунад.

Зиндагии Муҳаммадиброҳимота осон набуд. Ӯ дар 4 солагӣ аз модар ва дар 15 солагӣ аз падар ятим монд. Кӯдакиаш на дар оғӯши меҳру муҳаббат, балки бо душвориҳову андӯҳ гузашт. Гоҳ дар хонаи амак ва баъзан дар хонаи холааш зиндагӣ карда, хеле барвақт мушкилиҳои зиндагиро дарк карда, ба воя расид.

– Кӯдакиам хеле душвор буд, – ба хотир меорад бобо.– Он вақт дар деҳот мактабҳо кам буданд. Ман дар мактабе, ки дар бинои масҷиди кӯҳна барои синфҳои 1-4 кушода шуда буд, таҳсил гирифтам. Баъд ба ман дигар имкони таҳсилгирӣ набуд. Вақте 15-17 сола будам, дар мактабе, ки дар деҳаи Заркент ташкил шуд, таҳсилро давом додам. Дар арафаи хатми мактаби миёна дар рӯзномаи «Наманган ҳақиқати» эълонеро хондам, ки дар мактаби рақами 7-уми шаҳри Намангон курси муаллимтайёркунӣ ташкил шудааст. Дар он ҷо хонда, соли 1939 бо дипломи муаллими синфҳои ибтидоӣ дар деҳаи Ӯзак фаъолияти муаллимиро сар кардам. Як сол пас, ба зодгоҳи худ баргаштам. Вақте ки хабари оғози ҷанг паҳн шуд, ҳама саросема гардиданд. Бисёр ҷавонон бо хоҳиши худ барои ҳифзи Ватан ба фронт рафтанд. Ман низ мехостам, аз ҳамсолон қафо намонда вазифаи худро иҷро кунам.

Моҳи апрели соли 1942, ки он вақт 18 сола будам, барои хизмат даъват шудам ва ба полки 284-уми дивизияи савораи 103-юм қабул гардидам. Аксар рафиқонам ҳамсоли ман буданд. Мо бо орзуву умедҳои зиёд зиндагиро оғоз мекардем... Афсӯс...

Баъди 4 моҳи тайёрӣ, ман ва 12 нафар савораи дигарро барои ба фронт сафарбар кардан интихоб намуданд. Ба ҳар яки мо аспҳои зотдорро, ки дар шаҳри Қуқанд парвариш карда шуда буд, доданд ва мо бо поезд ба фронт рафтем. Ниҳоят, дар истгоҳе фуромадем, ки ҳама ҷо хароба буд. Субҳи барвақт ба аспҳо савор шуда, роҳро давом додем ва ба Сталинград расидем. Моро ба полкҳои 60 ва 64 тақсим карда, ба ҷанггоҳ бурданд. Дар он ҷо намояндагони миллатҳои зиёд буданд. Мо ҳама ҳамчун бародару додари қарин якҷо барои ҳифзи Ватан ҷанг мекардем. Дар фронт душвортарин чиз дӯстонатро дар майдони ҷанг дар як дам аз даст додан аст. Шахсе, ки ҳамроҳи ту хӯрок хӯрда, ҳамнафас ҷанг мекард, дар як нафас нобуд мешуд... Дар Краснодар, соҳили дарёҳои Дон ва Волга низ ҷангидем. Дар ҷанггоҳ ҳавопаймоҳои душман аз болои мо нафақат тирборон мекарданд, варақаҳо низ мепартофтанд, аз осмон гӯё барф меборид. Дар он даъватҳои таслим шудан навишта шуда буд...

Ин манзараҳоро бо сухан ифода кардан ниҳоят душвор аст.

Мо танҳо як мақсад доштем. Онҳое, ки дар Ватан, дар хонаҳоямон мондаанд, бояд озодона ва осуда зиндагӣ кунанд. Барои наҷоти волидон, озодии хонаамон, замини муқаддасамон якдилу якҷон мубориза мебурдем.

Чандин нафар рафиқон дар замини Олмон кушта шуданду ҷасадашон он ҷо монд. Аммо мо ғалаба кардем. Чун хабари пирӯзиро шунидем, ҳама гиристанд. Ин ашки шодӣ буд.

Барои маълумот дар вақти ҷанг аз ноҳияи Янгиқӯрғон 6579 нафар, аз деҳаи Паромон бошад, 300 нафар ба фронт рафтанд ва аз онҳо якчанд нафарашон баргаштанду халос.

Баъд аз ҷанг ҳаёти осудаву ором сар шуд. Муҳаммадиброҳимота ба зодгоҳ баргашт ва дар мактаб ба кор сар кард. 40 сол дар ин ҷо ба фарзандони деҳа сабақ омӯхт. Бо Шарофатхон оила бунёд карда, соҳиби 10 фарзанд шуданд. Ҳоло 39 набера, 105 абера ва 25 чабера дар хидмати бобою момоянд. Фарзандон – ҳама маълумоти олӣ доранду дар соҳаи гуногун меҳнат мекунанд. Ҳар як сухан, ҳар як хотираи Муҳаммадиброҳимота барои насли имрӯзу оянда ибратбахш, дарси бебаҳо ва таърихи зинда аст.

Қаҳрамони мо корҳои некеро, ки алҳол таҳти роҳбарии Президентамон анҷом дода мешаванд, ситоиш карда, гуфт:

– Имрӯз барои мо – собиқадорони ҷангу меҳнат ва умуман халқамон шароити зиёде фароҳам оварда шудаанд. Ҳар сол роҳбари давлати мо – иштирокдорони он ҷанги беамонро табрик мекунанд, тухфаҳои зиёд медиҳанд. Мо, албатта, аз чунин эътибор ва ғамхории доимӣ хеле миннатдорем.

Муҳаммадиброҳимота Иномов дастонашро ба дуо кушода, ният кард, ки осмонамон мусаффову Ватанамон шукуфон бошад. Сулҳу амният пойдор бошаду умри Сарвари давлат дароз.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

*Ҳеч кас ва ҳеч чиз фаромӯш намешавад!*

# МАРДИ ШУҶОЪ

Ҷанги дуюми ҷаҳон (1939-1945) аз фоҷиавитарин ва мудҳиштарин рӯйдодҳои таърихи башарият ба шумор меравад. Дар ин бархӯрди бузурги низомӣ даҳҳо давлат ширкат варзида, миллионҳо нафар ҷон бохтанд. Ин ҷанг на танҳо сарбозон, балки аҳолии осоиштаро низ фаро гирифт. Дар ақибгоҳ миллионҳо нафар дар заводҳо кор карда, барои фронт силоҳ, техника ва маводи зарурӣ, аз ҷумла озуқаворӣ истеҳсол мекарданд. Занон ва ҷавонон низ барои пирӯзӣ мубориза бурданд. Дар қатори чунин фарзандони шуҷоъ намояндаи деҳоти кӯҳистони дурдасти кишвар – Ҳамробой Тағоев низ буд. Ӯ соли 1921 дар деҳаи зебоманзари Синтоби ноҳияи Фориш ба дунё омада, дар муҳити кӯҳистон, зиндагии одӣ ва меҳнати ҳалол ба воя расидааст.

Соли 1939 Ҳамробой бо чанд нафар ҳамдеҳагонаш ба заводи пахтатозакунии Боёвут рафт ва то соли 1941 дар он ҷо кор кард. Дар ҳамин давра ба сафи комсомол пазируфта шуд. Моҳи январи соли 1941 ӯро ба хидмати ҳарбӣ даъват карданд.

Баробари оғози ҷанг – 22 июни соли 1941, дар қатори ҳазорон Ҳамробой низ ба фронт сафарбар гардид. Ӯ дар ҳайати Фронти сеюми Белорусия дар муҳорибаҳои шадид иштирок намуд. Взводи онҳо таҳти фармондеҳии лейтенанти калон Кузнетсов дар хатти аввал қарор дошт. Дар яке аз муҳорибаҳои сангин Ҳамробой ҷароҳати вазнин бардошта, баъди муолиҷа дубора ба сафи ҷанг баргашт ва ҷангро дар муҳорибаҳои шаҳри қаҳрамони Сталинград идома дод.

Яке аз вазифаҳои муҳим дар ҷанг ин анҷом додани разведка ва ба даст овардани «забон» буд. Дар яке аз чунин амалиёт Ҳамробой Тағоев дар ҳайати гурӯҳи сенафара ҳамроҳи Мухин ва нафари дигар ба разведка фиристода шуд. Дар шаби сарди канори беша, гурӯҳи хурд тавонист ба чор аскари душман, ки яке суруд мехонду дигарон ҷӯр мешуданд, барқвор ҳуҷум карда, фашистони ғафлатзадаро асир гирад ва ба штаб маълумоти муҳим расонад. Барои ин корнома ӯ ва ҳамсафонаш бо ордени «Ситораи сурх» мукофотонида шуданд.

Баъд аз муҳорибаҳои сахт шаҳри Кёнигсберг аз душман озод карда шуд. Тирамоҳи соли 1945 Ҳамробой Тағоев бо сари баланд аз Ғалабаи бузург ба Ватан баргашт.

Бояд таъкид кард, ки моҳияти ҷанг аз рақамҳо аён мегардад. Аз деҳаи зебоманзари Синтоб беш аз 160 нафар ҷавонписарони далеру шуҷоъ дар набардгоҳҳои он ҷанги хунумонсӯз ҷангидаанд. Танҳо 30 нафари онҳо ба зодгоҳи азиз баргаштанд.

Пас аз бозгашт Ҳ. Тағоев дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии деҳот ва роҳбарӣ кор кард. Котиби шӯрои деҳи Синтоби ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ буд, баъдан раиси шӯро интихоб гардид. Ҳамчун корманди молия низ фаъолият дошт. Ин аст, ки сари синаи ӯро баробари ордени ҷангӣ чандин медали солҳои осоишта гирифтааш низ зебу зинат медоданд.

Ҳамробой Тағоев пас аз ҷанг бо ҳамдеҳааш Сарварой оила бунёд кард. Дар оила ҳамеша муҳити осуда, меҳру муҳаббат ҳукмрон буд. Онҳо 7 фарзанд – чаҳор писару се духтарро тарбия намуда, ба камол расониданд. Ин ҷанговари далер ва инсони нек 4 январи соли 2001 вафот кард. Имрӯз фарзандону наберахои ӯ роҳи падару бобои шуҷои худро сарбаландона идома дода, дар бунёди Ӯзбекистони Нав саҳм мегиранд, ҳамнафас ва ҳамқадами замон мебошанд.

Омӯхтани таърихи Ҷанги дуюми ҷаҳон ва корномаҳои иштирокдорони он, хоҳ дар фронт ва хоҳ дар ақибгоҳ бошад, аз ҷумлаи арзишҳои олитарини инсонӣ аст. Дар хотир доштану қадр карданӣ ин арзишҳо масъулияти муҳиму виҷдонии наслҳои имрӯз ва фардост.



# ХОТИРА АБАДӢ АСТ

***Ҷанги дуюми ҷаҳон (1939-1945) аз фоҷиабортарин рӯйдодҳои таърихи инсоният ба шумор меравад. Ин ҷанг на танҳо харобиҳои зиёд ва талафоти азими инсонӣ овард, балки сарнавишти даҳҳо кишвару миллатҳоро низ дигаргун сохт.***

Аз Ӯзбекистон зиёда аз 1,5 миллион нафар ба фронт сафарбар гардиданд. Мутаассифона, садҳо нафар аз онҳо дар майдонҳои ҷанг ҳалок гардиданд ва ё бедарак шуданд. Ҷанг ба иқтисодиёт ва ҳаёти иҷтимоии кишвар низ таъсири нохуш расонид: корхонаҳо ба истеҳсоли маҳсулоти ҳарбӣ гузаштанд, ҷойи мардонро дар истеҳсолот занону пиронсолон ва ҷавонон ишғол карданд.

Айёми ҷанг барои мардуми Ӯзбекистон даврони қаҳрамонӣ ва фидокорӣ низ буд. Ҳазорҳо нафар бо ордену медалҳо сарфароз гардида, зиёда аз 300 нафар сазовори унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ шуданд.

Ҳамчунин, Ӯзбекистон ба ақибгоҳи фронт табдил ёфта, корхонаҳои зиёди саноатӣ аз минтақаҳои ҷангӣ ба ин ҷо кӯчонида шуданд. Мардуми маҳаллӣ миллионҳо гурезаро қабул карда, ба онҳо паноҳгоҳ доданд. Ин амали инсондӯстона нишонаи ваҳдат ва ҳамдилии мардуми шӯравӣ буд.

Имрӯз хотираи иштирокчиёни ҷанг гиромӣ дошта мешавад. Корномаҳои онҳо намунаи садоқат ба Ватан ва шуҷоат барои ҷавонон мебошанд. Қаҳрамониву шуҷоати иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон ҳеч гоҳ фаромӯш намешавад. Ҳар сол дар арафаи Рӯзи хотира ва қадр дар ҳамаи муассисаву ташкилот барномаҳои гуногун баргузор мегарданд.

Яке аз чунин тадбирҳои хотирмон дар мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нурато баргузор гардид. Дар он аҳли деҳа низ иштирок намуданд. Донишомӯзону намояндагони аҳли меҳнат оид ба оқибатҳои ҷанг, таъсири баду нохуши он ба бошандагони деҳа фикру андешаҳояшонро баён намуда, иштирокдорони ҷангро ҳам дар арсагоҳ ва ҳам дар ақибгоҳ бо некӣ ба ёд оварданд.

Бо ташаббус ва сарварии ҷонишини директор оид ба корҳои маънавӣ ва маърифатии мактаб Дилмурод Қӯзиев дар маърифатгоҳ таҳти унвонҳои «Ҳеч кас ва ҳеч чиз фаромӯш намешавад!» ва «9-Май – Рӯзи хотира ва қадр» гӯшаҳои хотира ташкил карда шудаанд. Бояд гуфт, ки Д. Қӯзиев чанд сол муқаддам китобе бо номи «Хотира» таълиф намуда буд. Дар он бобати ҳамаи иштирокдорони ҷанг ва байналмилалчиён аз деҳоти Эҷ маълумоти фаровон ҷамъ оварда шудааст.

Чунин тадбиру чорабиниҳо, бешубҳа ба ташаккули эҳсоси ватандӯстӣ, эҳтиром нисбати гузаштагон, хештаншиносиву худогоҳии ҷавонон кумак мекунанд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 2060. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757
9 772010 775001

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.